Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон (ш.Душанбе,
хиёбони Борбад, 48/5, E-mail: www.iutet.tj,
info@iutet.tj)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06–Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Дар шароити гуногуншаклии моликият ва ва фаъолияти хоҷагидории озод соҳибкории истеҳсолӣ асоси самаранокии ҳар як иқтисод гашта, кишвари ба ин раванд такякунанда рушди устуворро соҳиб мегардад. Асоси ин ақидаро мамлакатҳои Шарқи дур ва Осиё, ки дар муддати кутоҳ ба кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон мубаддал гаштанд, ташкил медиҳад. Ҷумҳурии мо низ тайи солҳои охир аз ин раванд қафо намонда, ба соҳибкории истеҳсолӣ такя намуда, асосҳои институтсионалии рушди онро таъмин намудааст. Ҷиҳати дастгирии ин раванд дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ корҳои зиёде ба анҷом расида истодааст, ки ба рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ заминаи мустаҳкам мегузорад. Вобаста ба ин, мавзуи барои тадқиқот интихобшуда рузмарра буда, хулосаю тавсияҳои муаллиф ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ боз як таккони дигар мебахшанд.

Мақсаду вазифаҳои ҳангоми тадқиқоти илмӣ дар назди худ гузоштаашудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба талаботи имрузаи сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ ҷавобгуй мебошанд.

Дар доираи ҳалли вазифаҳои гузошташуда муаллиф тавонистааст, ки навгониҳои илмии бо далелҳо асоснок ба даст оварда, нуқтаҳои муҳими самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар ҷумҳурӣ ба ҳимоя пешниҳод намояд.

Аз ҷумла, ошкор намудани моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ, муқаррароти алоҳидаи назарияи иқтисодии соҳибкорӣ дар заминаи ошкоркунии рафтори девиантӣ, методикаи коркард ва таҳияи низоми афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, манфиатҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ, вижагиҳои соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ, такмилдиҳии ҳуҷҷатҳои барномавии рушди саноати кишвар, дар заминаи баланд бардоштани нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир ва дигар

навгониҳои пешниҳодгашта аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, ба асосҳои назариявию амалии соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон поя мегузоранд.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки таснифи анъанавии намудҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир тамоюли рушди тиҷоратро инъикос намекунад. Имрӯз унсурҳои муҳими рушди соҳибкории истеҳсолӣ масъалаҳои кластерикунонӣ, рақамикунонӣ ва иқтисоди сабз мебошанд. Дуруст қайд карда шудааст, ки иқтидори илмӣ дар асосноккунии рушди соҳибкории истеҳсолии муосир, модели кластерии рушди он мебошад, ки имрӯз ба пурранамоии низоми ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии корхонаҳои инноватсионӣ дар доираи кластерҳо ниёз дорад. Самти мазкури омӯзиши соҳибкории истеҳсолӣ, ба назари мо, тамоми мураккабии рушди онро дар шароити муосир, инчунин, масъалаҳои ташаккули “экосистема”-и дастгирии онро, ки бояд чандир бошад ва ба шароити тағйирёбандаи бозор мутобиқ шавад, ба назар мегирад.

Унвонҷуй дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хулоса баровардааст, ки самтҳои асосии пасткунандаи сатҳи рушди девиантии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ноил шудан ба мақсади афзоиши босуръати рушду тараққиёти саноат дар доираи саноатикунонии босуръат алоқаманд аст.

Дар кори диссертатсионӣ қайд карда шудааст, ки гарчанде ки аз нуқтаи назари соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои асосие, ки ҷолибияти соҳаҳои алоҳидаи саноатро муайян мекунад, одатан сатҳи нисбатан на он қадар баланди музди меҳнат дар кишвар ба ҳисоб равад, аммо рушди босуръати технология дар даҳсолаҳои охир боиси афзоиши аҳамияти сармоя ва технология ҳамчун омилҳои муҳимтаре мегардад, ки ба ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ дар муқоиса бо қувваи кории арзон таъсир мерасонанд, ки ақидаи арзишманд ва ҷолиб шуморида мешавад.

Андешаи муаллиф оид ба соҳибкории истеҳсолӣ дар истеҳсолоти аграрӣ, ки сешарти асосиро дар бар мегирад (ташаккули низоми омода намудани кадрҳои агробизнес, ки қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлати ҷавон ва мустақиламон мебошад; ҳалли самараноки масъалаи ташаккули бозори замин, чунки аз як тараф, соҳибкорӣ аз ҳалли масъалаи замин вобастагии калон дорад ва аз тарафи дигар, рушди бозори заминро ҳавасманд мекунад; муносибати комплексӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ, ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ байни корхонаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард дар самти кластеризатсия ва инноватсия), ба талаботи замон мувофиқ буда, ҷолиби диққат арзёбӣ мегардад.

Аз андешаронии муаллиф бармеояд, ки рақамикунонӣ афзалияти асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ мегардад, зеро он самаранокӣ, чандирӣ ва рақобатпазирии ширкатҳоро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Ӯ дар таҳқиқоти илмӣ шаш афзалияти асосиро ҷудо кардааст, ки афзалиятҳои

рақамикунониро барои соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Аз автореферати кори диссертатсионии Субҳонзода И. С. хулоса намудан мумкин аст, ки он таҳқиқоти ба итмом расида ба ҳисоб рафта, дорои навгониҳои назарраси илмиву амалӣ ҷиҳати рушди соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Аммо бояд қайд намуд, ки дар дунёи муосир омили асосии рушди соҳибкорӣ дар маҷмӯ ва соҳибкории истеҳсолӣ алалхуссус шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад. Агар муаллиф ба ин пахлуи масъала назар меафканд, ба фикри мо пояи рушди соҳибкорӣ боз қавитар мегашт.

Аз авторенферати кори диссертатсионии Субҳонзода И. С. бармеояд, ки тадқиқоти арзишманди аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия гашта, арзиши илмӣ ва амалии он барои рушди иқтисодиёти миилии мо назаррас аст. Автореферати диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, кори диссертатсионии Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи “Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳқиқоти дорои арзиши илмию амалии ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия шуда, муаллиф ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06–Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

Тақризнавис:
Директори институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушти кишоварзии АИКТ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
академики АИКТ Пиризода Ҷ. С.

Имзои академик Пиризода Ҷ.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Институт Икромова М.Қ.

06.08.25

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи ҳаёти нав 306
тел:236-92-01, fax: 236-37-67
E-mail: iesh.tashn@mail.ru